**Суратҷаласаи № 20**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-053 факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

аз 05 ноябри соли 2020 ш. Душанбе

**Иштирок намуданд:** аз 15 аъзои шурои диссертатсионӣ иштирок доштанд 13 нафар

Оғози ҷаласа: 10:45
Анҷоми ҷаласа: 11:00

05 ноябри соли 2020 соати 10:45 дар зали шурои диссертатсионии факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, "Шаҳраки донишҷӯён") ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-053 баргузор гардид.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Пешниҳоди диссертатсияи номзадии унвонҷӯи кафедраи географияи табиии факултети геоэкологияи Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Абдураҳимова Мавзуна Муҳсиновна таҳти мавзӯи "Хусусиятҳои геоэкологии ҷараёнҳои геодинамикӣ: оқибатҳо ва системаи ҳимоя (дар мисоли Тоҷикистони Шимоли)" оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – геоэкология баҳри ҳимоя.
2. Масъалаҳои ҷорӣ.

**ШУНИДА ШУД:** Раисикунандаи ҷаласа, Раиси шуро, профессор Валиев Ш.Ф. ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос намуда ҳамзамон иброз намуд, ки бинобар раисии комиссияи ташхисиро нисбати кори илмии Абдураҳимова Мавзуна Муҳсиновна ба уҳда доштанам хулосаи комиссияи ташхисӣ – "Ташхиси аввалия"-ро доир ба диссертатсияи мазкур дар мавзӯи "Хусусиятҳои геоэкологии ҷараёнҳои геодинамикӣ: оқибатҳо ва системаи ҳимоя (дар мисоли Тоҷикистони Шимоли)" ба самъи Шумо мерасонам.

**Валиев Ш.Ф.:** Пеш аз ҳама сипоси худро ба аъзоёни шуро оид ба бовариатон нисбати мо аъзоёни комиссия иброз медорам, ки ба мо ва алалхусус ба ман барои хулоса баровардан ба кори мазкур боварӣ намудед. Диссертатсияи номзадии Абдураҳимова Мавзуна Муҳсиновнаро таҳти мавзӯи "Хусусиятҳои геоэкологии ҷараёнҳои геодинамикӣ: оқибатҳо ва системаи ҳимоя (дар мисоли Тоҷикистони Шимоли)" мо дар якҷоягӣ бо аъзоёни шуро, номзадони илмҳои геология ва минералогия Алидодов Б.А. ва Исрофилова Хурсандой Болтаевна дида мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем. Бояд қайд кунам, ки диссертатсия маротибаи дуввум барои ҳимоя

пешниҳод карда мешавад, дар ин бора Қарори Вазорати макотиби олӣ ва илми Федератсияи Россия таҳти №МН-6.6/7502 аз 12.12.2019 доир ба мувофиқат накардани самти кори илмӣ ба ихтисоси интихобгардида ва дар навбати худ имкони дубора ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи мазкур (доир ба масъалаи мазкур дар хулосаи комиссияи ташхисӣ пурра оварда шудааст) вобаста ба ихтисоси интихобшаванда мавҷуд аст. Албата мо аъзоёни комиссия диссертатсияро ба пуррагӣ таҳлил намудем ва ба хулосае омадем, ки диссертатсия дар сатҳи зарурӣ навишта шудааст, аммо камбудиҳое низ дида мешаванд, ки онҳоро ҳатман бояд ислоҳ намуд. Новобаста аз камбудиҳои ҷойдошта, ки ба аслият ва арзиши диссертатсия он қадар таъсири манфӣ намерасонанд ва аз ҳама асосӣ диссертатсияи мазкур ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, аз ин рӯ комиссия чунин пешниҳод менамояд, ки баъд аз ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта метавон диссертатсияро дар шурои диссертатсионие, ки мо фаъолият менамоем барои ҳимоя бахри дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36-геоэкология пешниҳод намоянд. Ҳамчунин комиссияи ташхисӣ номзадии мутахассисини зеринро ба сифати **муқарризони расмии** диссертатсия пешниҳод менамояд: Икромов Исломқул профессори кафедраи мелиоратсия ва хоҷагии оби факултети геоэкологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шотемур; Баротов Ҷумахон Қосимович - номзади илмҳои географӣ, мудири кафедраи география ва туризми Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бо назардошти самт ва муҳтавои диссертатсияи Абдураҳимова М.М. ба сифати **муассисаи пешбар** Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Ногуфта намонад, ки аъзоёни шуро ба фикри мо доир ба тақризгарон ва муассисаи пешбар метавонанд норизо бошанд.

Ҳамкорони муҳтарам ин буд хулосаи комиссияи ташхисӣ доир ба кори диссертатсионии Абдураҳимова М.М. Аз ҳозирин мехостам пурсам, ки доир ба хулосаи комиссия ягон чи гуфтанӣ ва ё пешниҳоде доранд, марҳамат ибрози ақида намоянд. Агар аъзоёни шуро зид набошанд доир ба масъалаи мазкур ва хамзамон оид ба маълум намудани таърихи ҳимояи кушоди рисолаи диссертатсионии Абдураҳимова М.М. котиби илмии шуро муҳтарам Андамов Раҷабалӣ Шамсович фикрашонро пешниҳод намоянд.

**Андамов Р.Ш.:** Ташаккур, муҳтарам Раис, муҳтарам аъзоёни Шурои диссертатсионӣ барои сухан доданатон. Фикр мекунам комиссияи ташхисӣ доир ба рисолаи диссертатсионии Абдураҳимова М.М. хулосаи хуберо пешниҳод намуданд ва интихоби тақризгарон ва муассисаи пешбар айни муддао буда онҳо ба самти кори илмии мазкур мувофиқанд. Ва нисбати таъйини рӯзи ҳимояи диссертатсияи номзадии Абдураҳимова М.М. пешниҳод дорам, ки таърихи ҳимояи диссертатсияи илмии мазкур 05.03.2021 сол таъйин карда шавад. Хуб мешавад, ки то таърихи ба сайт ворид намудани эълони ҳимоя камбудиҳои ҷойдошта низ бартараф карда хоҳанд шуд.

Аъзоёни шурои диссертатсионӣ хулосаи комиссияи ташхис ва пешниҳоди Андамов Р.Ш.-ро доир ба маълум намудани таърихи ҳимояи диссертатсия якдилона дастгирӣ намуданд.

**Валиев Ш.Ф.:** Ҳамкорони муҳтарам пешниҳод менамоям, ки қарори шурои диссертатсиониро нисбати рисолаи диссертатсионии Абдураҳимова М.М. қабул намоем.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Хулосаи баҳои мусбии комиссияи ташхисӣ ба диссертатсияи номзадии Абдураҳимова М.М. ҳамчун асос қабул карда шавад.
2. Диссертатсияи номзадии Абдураҳимова Мавзуна Муҳсиновна таҳти мавзӯи “Хусусиятҳои геоэкологии чараёнҳои геодинамикӣ: оқибатҳо ва системаи ҳимоя (дар мисоли Тоҷикистони Шимоли)” оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси “25.00.36 – геоэкология” барои ҳимоя тавсия дода шавад.
3. Ба сифати муқарризони расмӣ Икромов Исломқул Истамович– доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи мелиоратсия ва хоҷагии оби Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шотемур; Баротов Ҷумахон Қосимович - номзади илмҳои география, мудири кафедраи география ва туризми Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тавсия карда шавад.
4. Муассисаи пешбар Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
5. Барои ҷой додани эълон, матни диссертатсия ва автореферат дар сайти ДМТ ва КОА-и назди Президенти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
6. Барои таҳияи автореферат ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.
7. Рӯзи ҳимоя «05» марти соли 2021, соати 09.00 дақиқа муайян карда шавад.

Қарори шуро ба овоз монда шуд.

Ҳамагон онро якдилона дастгирӣ намуданд.

Раиси Шурои диссертатсионии
6D.КОА-053, д.и.г.-м., профессор — Ш.Ф. Валиев

Котиби илмии Шурои диссертатсионии
6D.КОА-053, н.и.г.-м., и.в. дотсент — Р.Ш. Андамов

Имзои Ш.Ф. Валиев ва
Р.Ш. Андамовро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва ҚМ-и ДМТ — Э.Ш. Тавкиев

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС • ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН • TAJIK NATIONAL UNIVERSITY • УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ